*Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА- 014*
*назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди*
*Тоҷикистон (ш. Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/14)*

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Аъзамова Тахмина Туйчиевна дар мавзуи "Рушди инноватсионии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистони муосир", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст.**

Мавзуи интихобгардида актуалӣ, муҳим ва қобили татбиқшавӣ дошта аз унвонҷӯ талаб мекунад, ки он бо як қатор нишондиҳандаҳои соҳавӣ онро асоснок намуда мавқеи худро муаян намояд. Ба ҳамин лиҳоз Тахмина Туйчиевна дуруст гуфтааст, ки имрӯз зарурати гузариш ба иқтисоди рақамӣ рӯз аз рӯз аҳамияти бештарро касб намуда, пеш аз ҳама, дар ин ҷараён бонкҳои тиҷоратӣ ва технологияҳои рақамӣ, ки дар сода намудани амалиётҳои анъанавии низоми бонкӣ муҳим мебошанд, нақши ҳалкунанда доранд. Таҷриба нишон медиҳад, ки бесуботии низоми бонкӣ дар аксар маврид аз ҳисоби қафомонии низоми бонкӣ аз технологияҳои ҳозиразамони иттилоотӣ ва виртуалӣ (маҷозӣ) ба миён меояд. Аз ин лиҳоз гузариш ба шаклҳои нави хизматрасониҳои бонки талаб менамояд, ки комилан ғайринақдикунонии амалиётҳо, ҳатто амалиёт қарзӣ, гузаштан ба пулҳои рақамӣ ва платформаҳои ба ин монанд, аз зумраи он масъалаҳое бошанд, ки ташкилотҳои қарзӣ ба онҳо пурра гузашта як таҳаввулоти навро дар низоми бонкӣ ба миён оваранд, ки ин ишораҳои Тахмина Туйчиевна мувофиқи мақсад ва дуруст мебошанд.

Ҷиҳати иваз намудани шакли анъанавии хизматрасонҳои бонкӣ ки асоси онро амалиёт ё ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ ташкил медиҳанд, барои баромадан аз чунин ҳолати хатарафзо дар шароити ҷаҳонишавӣ ва комилан аз байн бурдани нобоварии аҳолӣ нисбати пардохтпазирии бонкҳо, санаи 22 июни соли 2023 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "...Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ" таҳти рақами 586 ба тасвиб расид, ки татбиқи амалии он дар қаламрави Тоҷикистон аз 1-уми августи соли 2023 сурат гирифт. Бо ҳамин асосноккуниҳо дар самти гузариш ба низомҳои навихизматрасониҳои инноватсионӣ муаллиф таҳқиқотро дуруст ва босамар анҷом дода бошад, ҳам шояд баъзе маълумоту масъалаҳоро сарфи назар намуда бошад ё шояд онҳо дар диссертатсияи илмӣ ҷой дошта бошанд.

Ба ҳамин хотир ба андешаи мо муаллиф агар дар самти масъалаҳои таҳқиқшаванда вобаста ба инноватсия ва хизматрасонӣ бандҳои зеринро таҳқиқ менамуд, сифати таҳқиқот беҳтар мегардид:

1. Агар оқибатҳои иҷтимоию иқтисодии низоми инноватсионии хизматрасониҳои бонкӣ таҳлилу пешниҳод мегардидан сифатан таҳқиқот бурд менамуд;
2. Муаллиф беҳтар мегардид агар намунаи нави хизматрасониҳои инноватсиониро ба сифати намунаи татбиқнамоӣ дар низоми бонкӣ пешниҳод менамуд, кор ранги дигар мегирифт.

Ҳамчун тақриздиҳанда ба автореферати диссертатсияи илмӣ боварии комил дорам, ки эродҳои гирифташуда арзиши илмии кори анҷомёфтаро кам намесозад. Бо ибрози ин гуфтаҳо кори пешниҳоднамудаи Тахмина Туйчиевна, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, нобурда сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мебошад.

**Доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**Ректори МД "Донишкадаи байналмилалии Данғара"-и МД Донишгоҳи байналмилалии сайёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон** **Сафозода А.К.**

**Суроға: 735320, ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон Ҷумҳурии Тоҷикистон, кучаи Исмат Шарифов, 3. E-mail: safoev@list.ru;**
**Тел:(+992) 934578282**

**Имзои ректори МД "Донишкадаи байналмилалии Данғара"-и МД ДБССТ Сафозода Абдулмаҷид Карим - ро тасдиқ менамоям:**

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси МД "Донишкадаи байналмилалии Данғара"-и МД ДБССТ** **Каримов Д.Н.**